“Тасдиқ мекунам”
ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
профессор Усмонзода А.И.
“ 30 ” октябри соли 2023

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Диссертатсияи Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзӯи “Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” дар кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии диссертант:** Нематуллоева Мавлуда Негматовна – н.и.ф., дотсенти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва мазмуну муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат дорад.

**Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқот дар заминаи сиёсати давлатии соҳаи забон дар марҳилаи ҳозира робитаи мустақим дошта, дар асоси “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” ва “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои

русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ба амал бароварда мешавад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ бо мухтавои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмӯаҳои илмӣ ва маҷаллаҳои давр тавассути 11 номгӯи мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои дар қайди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, манзури доираи васеи хонандагон гардонида шудааст, чунончи:

**I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда:**

[1-М] Азизова З.Ш. Ифодаи баъзе маъноҳои асосӣ бо ёрии исму сифат дар зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ / З.Ш. Азизова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №6. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – С. 61-66.

[2-М] Азизова З.Ш. Зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар намуди ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ / З.Ш. Азизова // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ 2020. №2. - С. 48-55.

[3-М] Азизова З.Ш. Зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ дар шакли ҷумлаҳои сода / З.Ш. Азизова // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ 2021. №4. - С. 54-61

[4-М] Нематуллоева М.Н., Азизова З.Ш. Ифодаи амал ба воситаи феъл дар зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ / М.Н. Нематуллоева., З.Ш. Азизова // Паёми Донишгоҳи Забонҳо. Бахши илмҳои филология, педагога ва таърих. ISSN: 2023. №3. – С. 73 - 80

**II. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳо:**

[5-М] Азизова З.Ш., Нематуллоева М.Н. Истифодаи исм ва сифат дар зарбудмасал ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ / З.Ш. Азизова // “Аз Ҳазорчашма то Чикаго” Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ. Хуҷанд, 2018. – С. 170-172.

[6-М] Азизова З.Ш. К вопросу о морфологических особенностях пословиц и поговорок / З.Ш. Азизова // Межвузовский научный конгресс “Высшая школа”: научные исследования Москва, 2019. - С. 82-84.

[7-М] Азизова З.Ш. Роҷеъ ба истифодабарии ҷонишинҳо дар зарбулмасал ва мақолҳои англисиву тоҷикӣ / З.Ш. Азизова // Маводи конфренсияи илмӣ бахшида ба “Солҳои 2019 – 2021 - Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, иҷрои “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2030” ва “70 – солагии дотсенти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ  Нематуллоева М. Н.”, Хуҷанд 2019. - С. 124 – 129.

[8-М] Азизова З.Ш. К вопросу об употреблении глагола в пословицах английского языка / З.Ш. Азизова // Сборник докладов международной научно–практической конференции “Новые информационные технологии как основа эффективного инновационного развития”. Екатеринбург, 2020. - С. 149-151.

[9-М] Азизова З.Ш. К вопросу об использовании местоимений в пословицах и поговорках английского языка / З.Ш. Азизова // Международный научный форум «Наука и инновации – современные концепции». Москва, 2020. - С. 40-43.

[10-М] Азизова З.Ш., Азизова З.Ш. Сочинительные союзы и их виды в пословицах и поговорках английского языка / З.Ш. Азизова, З.Ш. Азизова // Международная научно-практическая конференция “Научные исследования в условиях цифровизации: мировой опыт и национальные приоритеты” 2020 г. – С. 122 – 125 стр.

[11-М] Азизова З.Ш. Оид ба сохтори грамматикии зарбулмасалу мақолҳои бо ҷумлаҳои сода истифодашаванда // З.Ш. Азизова // Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи забонҳои хориҷӣ. № 10, 2020. – С. 33-38

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ва ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои

диссертатсия тавассути маърӯза ва гузоришоти илмӣ дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ (2019, 2021), ҷумҳуриявӣ (2018, 2021), минтақавӣ ва донишгоҳӣ (2018-2021) ва семинарҳои методӣ ба олимону омӯзгорони МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" манзур карда шудааст.

**Аҳаммияти амалӣ ва назарии рисола.** Тадқиқи мавзӯи мазкур маводи назарии забоншиносии муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикиро ғанӣ менамояд. Он ба илми забоншиносии муқоисавии муосири тоҷик маводе барои пажуҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни сохтори грамматикии зарбулмасалу мақолҳо мусоидат намуда, ҳамчун раҳнамои илмӣ хизмат менамояд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқ, ҳамчунин, аз он иборат аст, ки далелҳои асосноки пешниҳодшудаи пажуҳишгар оид ба сохтори грамматикии зарбулмасалу мақолҳо маводи арзишманди назариявӣ гашта метавонад.

**Аҳаммияти амалии кори тадқиқотӣ** дар он зоҳир мегардад, ки мутахассисони соҳаи ҳам фразеология ва ҳам грамматика онро чун дастури таълимӣ истифода бурда метавонанд. Инчунин, мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонанд, ҳангоми хондани курсҳои лексионӣ доир ба типологияи муқоисавии забонҳо, фразеология ва грамматика, инчунин натиҷаҳои тадқиқот дар факултети равияи забоншиносӣ ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои хатми тахассусӣ, ҳамчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ истифода шаванд.

**Навоварии илмии тадқиқоти** мазкур аз он иборат аст, ки дар он бори аввал таҳлили муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати сохтори грамматикӣ-морфологӣ ва синтаксисӣ пурра гузаронида шуда, хусусиятҳои фарқкунанда ва шабеҳи онҳо нишон дода шудаанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки зарбулмасалу мақолҳо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ мавқеи махсусро ишғол намуда, онҳо дар забон дорои вазифаҳои муҳимми илмӣ мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии кори таҳқиқоти мавриди зикрро дақиқ будани маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, муқоисавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Таркиби диссертатсия** муқаддима, се боб бо зербобҳояш. Хулоса ва рӯйхати адабиётро дар бар мегирад.

**Қарор карда шуд:**

Дар анҷоми ҷаласа дар бораи шахсият ва фаъолияти омӯзгории докторант Азизова З.Ш. сухан ронда, дар асоси андешаҳои дар маҷлис баёншуда чунин лоиҳаи хулосаи маҷлисро пешниҳод кард: диссертатсия дар мавзӯи мубрам ва ҳанӯз таҳқиқнашуда бо назардошти амалисозии барномаҳои дурнамои давлатии рушди забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва такмили таълими онҳо таълиф гаштааст, мазмуни кор ба мавзуъ ва шиносномаи ихтисос мутобиқ аст, автореферат муҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад, натиҷаҳои таҳқиқ муфассал дар 11 мақолаи илмӣ интишор ёфтааст.

Бо назардошти андешаҳои боло, дар ҷаласаи кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ҷаласаи ғайринавбатӣ аз 28-уми октябри соли 2023 диссертатсияи Азизова Зарина Шавкатовнаро дар мавзӯи "Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо назардошти ислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–036 назди "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" барои дифоъ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод кард.

**Иштирок доштанд:** 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

“тарафдор” – 10 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Протоколи ғайринавбатӣ аз 28-уми октябри соли 2023.

**Мудири кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии Муассисаидавлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Икрамова Масъуда Тоҷидиновна**

**“Имзои М.Т. Икрамоваро тасдиқ мекунам”. Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”:** **Наврӯзов Эҳсон Маъмурович**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992)9004420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru.**